ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Султонзода Рухшона Султан дар мавзӯи: «Комплексҳосилкунии симоб (II) бо N - атсетилтиомочевина», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 1.4.2. Химияи ғайриорганикӣ

Омӯзиши равандҳои комплексҳосилкунии ионҳои металҳои вазнин бо лигандҳои органикии сулфурдор ва нитрогендор дар химияи муосири координасионӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунанд. Симоб (II) ҳамчун яке аз металҳои заҳрнокиаш баланд ва аз ҷиҳати экологӣ хатарнок диққати махсусро талаб менамояд. Истифодаи атсетилтиомочевина ҳамчун лиганд барои омӯзиши комплексҳосилкунӣ имкон медиҳад, ки пайвастагиҳои нави координатсионии дорои хосиятҳои гуногун ва амалан муҳим ба даст оварда шаванд. Аз ин рӯ, тадқиқоти муаллиф, ки ба қонуниятҳои физикию химиявии ин раванд бахшида шудааст, хеле муҳим ва саривақтӣ мебошад.

Дар диссертатсия бори аввал раванди комплексҳосилкунии симоб (II) бо N - атсетилтиомочевина дар маҳлулҳои обӣ дар доираи васеи консентратсия ва pH ҳамаҷониба омӯхта шудааст. Муаллиф таркиб, сохтор ва устувории комплексҳои ҳосилшударо бо усулҳои муосири физикию химиявӣ, аз ҷумла спектроскопияи ИС, кондуктометрӣ, термогравиметрӣ, таҳлили рентгенӣ-фазавӣ ва потенсиометрӣ муайян кардааст, ки ин устувории хулосаҳои илмиро таъмин менамояд.

Натиҷаҳои бадастомада соҳаи химияи координасионии пайвастагиҳои симобро бо лигандҳои сулфурдор ғанӣ мегардонанд. Аз ҷиҳати амалӣ, маълумотҳо дар бораи шароити оптималии ҳосилшавии комплексҳо метавонанд дар технологияҳои тозакунии обҳои партов аз ионҳои симоб ва инчунин дар химияи аналитикӣ барои муайянкунии миқдории ин металл истифода шаванд.

Автореферат мувофиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шуда, қисмҳои асосии диссертатсияро пурра инъикос мекунад. Матн бо забони илмии равон навишта шуда, бо ҷадвалҳо ва диаграммаҳои зарурӣ нишон дода шудааст. Натиҷаҳои асосии кор дар маҷаллаҳои илмии тавсияшуда ба табъ расидаанд.

Дар баробари бартариҳои зикршуда, нисбат ба автореферат баъзе мулоҳизаҳои зеринро пешниҳод кардан мумкин аст:

1. Дар матни автореферат баъзе хатогиҳои техникӣ ва услубӣ ба назар мерасанд.
2. Беҳтар мешуд, агар муаллиф имкониятҳои истифодаи амалии комплексҳои синтезшударо дар таҳлили объектҳои муҳити атроф муфассалтар шарҳ

медод.

Бо вуҷуди ин, эродҳои қайдшуда ба арзиши баланди илмии кори иҷрошуда таъсири манфӣ намерасонанд.

Диссертатсияи унвонҷӯ Султонзода Рухшона Султан дар мавзуи: Комплексҳосилкунии симоб II бо N - атсетилтиомочевина кори мустақил ва мукаммали илмӣ-тадқиқотӣ буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ пешниҳод мегарданд, комилан ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯи ихтисоси химияи ғайриорганикӣ мебошад.

Мудири кафедраи металлургияи
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С. Осимӣ
н.и.х., дотсент Раҳимов Ф.Қ.

Суроға: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, хиёбони академикҳо, Раҷабовҳо, 10
Тел: (+992) 919623599
«26» 10 2026

Имзои н.и.х., дотсент мудири кафедраи металлургия Ф.Қ.Раҳимовро

тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДТТ ба номи академик М.С.Осимӣ Қодирзода Н.Ҳ.

Суроға: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, хиёбони академикҳо, Раҷабовҳо, 10
Тел: (+992)(372)21-35-11
E-mail: info@tty.tj.ttu@ttu.tj
«26» 10 2026